**Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**УДК 378: 796 (575, 3)**
**ББК 74, 58 + 75, 1 (тадж)**
**Д - 13**

**ДАВЛЯТБОЕВА САРВИНОЗ АБДУМАЛИКОВНА**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ФАЪОЛНОКИИ МАЪРИФАТИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ СОТСИОЛОГИЯИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ

**(дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов)**

ихтисоси 13.00.01 –педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ

**ДУШАНБЕ-2021**

Диссертатсия дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ**: | **Сафаров Шодӣ Асомуродович -** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Файзализода Ҷумахон Хол -** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафед-раи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>**Намозов Тошкул Буриевич-**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва дифои шаҳрвандии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | **Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ш.Панҷакент** |

Ҳимоя санаи “00” ..... соли 2021 соати 00 $^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-027 назди МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700, ш. Хуҷанд, к.Мавлонбеков 1) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи маркази МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва сомонаи www.hgu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат_____________2021 тавзеъ гардид.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Бобоева С.Б.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ РИСОЛА

**Муҳимият ва зарурияти мавзӯи таҳқиқот.** Низоми самарабахши маориф яке аз омилҳои асосии таъмини пешрафту инкишофи босуботи иқтисодиёт ва ҷомеаи ҳар кишвар, аз он ҷумла, Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамроҳ шудани Тоҷикистон ба фазои умумиҷаҳонии таҳсилот, иваз шудани парадигмаи маориф, ташаккули тарҳи нави миллии он масъалаҳои сифати омодагии кадрҳои педагогӣ - онҳоеро, ки вазифаи тарбияи насли наврасро бо тарзи тафаккури инноватсионӣ, бо ҷаҳоншиносии рушдёфта ва шуури фарҳангии пурғунҷоиш иҷро хоҳанд кард, бе таваҷҷӯҳ намегузоранд. Барои иҷрои ин вазифаҳо педагоге зарур аст, ки ба ӯ тарзи эҷодии тафаккур ва қобилияти амалӣ кардани ҷараёнҳои инноватсионӣ хос мебошад. Дар шароити дигаргуниҳои амиқи ҳаёти ҷомеаи муосир ва кулли инсоният коркарду татбиқи стратегияи босамари инкишофи мактаби олӣ аҳамияти хоса касб мекунад.

Дар ҷаҳони муосир ҷустуҷӯи шиддатноки салоҳиятҳои пойгоҳӣ ва калидии инсони асри XXI идома дорад ва ин имкон медиҳад, ки бо ёрии онҳо инсон мушкилоти ҳаётии худро сарбаландона ҳаллу фасл намояд. Дар миёни салоҳиятҳои номбурда мустақилият ҷойгоҳи вижа дорад, ки асос ва дар як вақт шарт ва нишондиҳандаи рушди дигар салоҳиятҳо, аз қабили эҷодкорӣ, тафаккури эҷодӣ, муоширот, дастурдиҳӣ ва ғайра мебошад. Муҳимтарин намуди мустақилияти инсон фаъолнокии маърифатии ӯст, ки таҳти таъсири бисёр омилҳо, қабл аз ҳама, таҳти таъсири муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (минбаъд, МТОК) ташаккул меёбад. Дар шароити кунунӣ ҷомеа ва давлат ба рушди салоҳиятнокии хатмкунандагони МТОК талаботи зиёд пешбинӣ кардааст. Интизор меравад, ки хатмкунандагони МТОК на танҳо ба иҷрои шаклҳои алоҳидаи кори мустақилона, балки ба амалисозии фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ дар раванди таҳсилоти муттасил қодир хоҳанд буд.

Дар баробари ин таҳлили маълумоти эмпирикӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳанд, ки донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар муайян кардани мақсадҳои фаъолияти мустақилонаи маърифатии худ, дар раванди банақшагирии амалҳои худ барои расидан ба ҳадафҳояшон ба душвориҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Онҳо дар ин кор равишҳо ва шаклҳои хеле маҳдуди амалишавии фаъолияти мустақилонаи маърифатиро истифода менамоянд.

Масъалаҳои омодагии кадрҳои педагогӣ дар ҳуҷҷатҳои меъёрии давлатӣ инъикос ёфтаанд. Дар «Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ва Қонун «Дар бораи маориф», ки бо таҳрири нав (с.2013) қабул гардид, баланд бардоштани сатҳи сифати омодагии мутахассисони босалоҳият ва кордон яке аз вазифаҳои муҳим ва арзишманд арзёбӣ мешавад. Барои иҷрои ин вазифа низоми самарабахши идоракунии маорифро бунёд кардан зарур аст, ки ташаккули шахсияти кордону босалоҳият, мутахассиси рақобатпазиреро таъмин мекунад, ки ба мустақилона ва эҷодкорона ҳал кардани масъалаҳо қобил аст, аҳамияти шахсӣ ва ҷамъиятии фаъолияти касбиро дарк менамояд, барои натиҷаҳои он масъулият ҳис мекунад.

Аз маълумоти эмпирикӣ чунин бармеояд, ки дар шароити кунунӣ омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ мушкилоти фаъолияти мустақилонаи маърифатиро эътироф намоянд ҳам, аммо аксаран, ҳангоми интихоби тарзу шаклҳои мусоидат ба рушди он душворӣ кашида, на ҳамеша раванди таҳсилотро бо дарназардошти вижагиҳои синнусолии донишҷӯён, шавқу рағбат, қобилият ва таҷрибаи ҳаётии онҳо роҳандозӣ мекунанд.

**Сатҳи омӯзиш ва коркарди мавзӯи таҳқиқ.** Дар илми педагогика захираи муайяни донишҳо оид ба масъалаи мазкур андӯхта шудааст. Таҳқиқот барои кашфи моҳияти фаъолияти маърифатии донишҷӯён, омилҳои он, шароити инкишофи он аз тарафи муҳаққиқон О.В. Петунин , Н.А.Половников, Т.И.Шамов ва дигарон анҷом дода шудааст. Пажӯҳишҳои муҳаққиқон М.В.Богданов, А.Н.Болотов, М.В.Веденкин, Л.В. Жаров, О.А.Кириллов ва дигарон ба самти ошкор намудани имконоти рушди фаъолнокии маърифатӣ дар МТОК бахшида шудаанд.

Усулҳо ва шаклҳои гуногуни кори мустақилонаи донишҷӯён дар вақти дарс аз ҷониби О.А. Кириллов, Е.В. Преображенская, дар вақти берун аз дарс дар МТОК аз тарафи О.А.Вихрова, Р.С.Есаян, О.В. Комисов, дар шароити хона, аз тарафи Т.А. Капитонов ва дигарон кашф ва мавриди таснифу танзим қарор дода шудаанд.

Доир ба таҳқиқи масъалаи муаммо ва мушкилоти шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла пажӯҳишгарони Федератсияи Россия машғул шудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқон ва олимони соҳаи педагогика ва психология - Д.Б. Богоявленская, Л.И. Божович, Л.Г. Виготский, И.А. Зимняя, А.В. Петровский, О.В. Петунин, К.Н. Поливанова, Н.А. Половникова, Г.А. Сукерман, Е.И. Санина, Д.Б. Элконин ва дигарон бештар моҳияти фаъолияти маърифатиро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Инчунин олимон Е.С. Заир-Бек, О.Е. Лебедев, С.А. Писарева, Е.В. Пискунова, Т.М. Ковалева, Н.Ф. Радионова, А.П. Тряпитсина, Л.М. Перминова ва дигарон таваҷҷуҳи бештари хешро ба таҳқиқи моҳият ва ташкили раванди таҳсилот дар МТК- и муосир равона сохта, дар ин замина пажӯҳишҳои домандор таълиф намудаанд.

Дар таҳқиқоти Т.П. Авдулова, Н.В. Бордовская, Л.В. Боровикова, С.Г. Вершловский, Б.С. Волков, Е.В. Емельянова, Т.В. Иванова, С.В. Кривтсова, А.А. Реан, Л.А. Регуш, Т.В. Романова ва дигарон бошад, масъалаҳои имконот ва мушкилоти донишҷӯёни кунунӣ дар соҳаи маориф ва умуман омӯзишу таълим баррасӣ шудаанд.

Дар баробари ин, асарҳои илмии О.А. Вихрова, А.С. Воловоденко, О.Б. Даутова, А.М. Каменский, О.В. Комисова, Е.С. Полат, В.И. Слободчиков, Е.В. Яновитская, В.А. Ясвин ва дигарон доираи пажӯҳиши кашфи имконоти фаъолияти педагогӣ дар рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯёнро фаро гирифтааст.

Донишмандони тоҷик М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Х. Каримова, Қ. Қодиров, Ш.А.Шаропов, Ҷ.Шарифов, А.Нуров, Т. Шукуров, У.Зубайдов, А.М.Миралиев, Ҷ.Файзалиев, Т.Намозов, Ш.Сафаров, Д. Каримова,

Л.А.Губанова асарҳои илмии худро ба ҳаллу фасли ҳамин мушкилот дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида, дар ин мавзӯъ рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ ва мақолаҳои илмӣ таълиф намудаанд.

Дар натиҷаи тадқиқоти муҳаққиқон Е.В. Преображенская, В.Н. Пустовойтов, И.Д. Фелдштейн ва дигарон назария ба исбот расидааст, ки наврасон аз сабаби фаъолияти баланди маърифатӣ доштан ва ба онҳо дастрас будани технологияҳои иттилоотӣ, дар ҷиҳати рушди фаъолнокии маърифатӣ дорои имконоти махсус мебошанд. Аммо дар таҳқиқоти дар боло номбаршуда, рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар доираи мантиқи ҳамон талабот тарҳрезӣ шуда буд, ки нисбат ба МТОК якхела ва умумӣ пешбинӣ мешуд. Ҳамчунин, дар тадқиқотҳои мавҷуда шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, аз ҷумла дар МТОК-и муайян, ба монанди Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов (ДТҶТ ) мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст.

Ҳамин тавр, дар ин масъала як силсила **ихтилофҳое** ба назар мерасанд, ки бояд ҳаллу фасли худро пайдо намоянд:

- ихтилофҳо байни талаботи муосири фаъолнокии маърифатии донишҷӯён ва рушди он дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов;
- ихтилофҳо байни зарурати рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар МТОК ва норасоиҳои тайёрии омӯзгорон, инчунин ёрии падару модарон ҷиҳати расондани кӯмак ба донишҷӯён дар раванди мазкур;
- ихтилофҳо байни талаботи амалии таҳсилот дар дониши нави педагогӣ оид ба рушди шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов.

Муаммо ва ихтилофҳои мазкур, аз як тараф мушкилоти илмии марбут ба ҷустуҷӯи дониши нав оид ба вазифаҳо, муҳтаво, усулҳо ва шаклҳои ташкили раванди таҳсилоти

нигаронидашуда ба рушди шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимовро муайян намуд ва аз ҷониби дигар сабаби асосии интихоби мавзӯи мавриди назар ва таҳқиқи он гардид.

**Мақсади таҳқиқот:** ба тавассути усулҳо ва методҳои илмиву озмоишӣ ошкор ва асоснок намудани шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар мисоли ДТҶТ ба номи С. Раҳимов дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.

**Объекти таҳқиқот:** раванди рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов.

**Мавзӯи таҳқиқот:** шароити педагогии рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов.

**Фарзияи таҳқиқот:** ба инкишофи фаъолнокии маърифатии донишҷӯёни МТОК мусоидат мекунанд, агар:

- ба танзим дарории раванди таҳсилот, яъне махсусиятҳои ҳатмӣ ва раванди марҳилавии азхудкунии вазифаҳо аз тарафи донишҷӯён ва амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов ҳамчун яке аз ҳадафҳои пешбар, ба рушди фаъолнокии маърифатии донишомӯзон нигаронида шавад;
- маҷмӯи вазифаҳои намунавӣ дар муҳтавои амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатии донишҷӯён инъикос гарданд;
- ҷузъиёт ва меъёрҳои муайянкунандаи дараҷаи ташаккули фаъолнокии маърифатӣ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар муассисаҳои таълимии тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шавад;
- маҷмӯи шароитҳои педагогии таъминкунандаи самаранокии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи

ҷисмонӣ ва варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов фароҳам оварда шавад;
- модели ташаккули фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов таҳия гардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**
- таҳқиқи зарурат ва аҳамияти ҷорӣ кардани фанни таълимии «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- муайян кардани вижагиҳои методологӣ ва педагогии таълими сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- ошкор сохтани шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- муайян кардани механизмҳои таъмини тайёрии омӯзгор ба ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- муайян намудани самти ташкили раванди таҳсилот мутобиқ бо модели таълим фанни «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»;
- роҳандозӣ намудани таҳқиқоти таҷрибавии шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов.

**Асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқотро** таълимот дар бораи моҳияти иҷтимоии шахсияти инсон, дар бораи нақши фаъолият ва муошират дар инкишофи он, консепсияи психологҳо ва педагогҳо оид ба эҷод, асосҳои фалсафии маърифат, ҳамчунин фаҳмиши фаъолият ҳамчун воситаи худтатбиққунии инсон дар ҷараёни меҳнат; фалсафаи муносибати субъективию инсонгароёна, ҳадафмандии фаъолияти касбӣ, консепсияи мундариҷаи муосири таҳсилот, консепсияи тарҳи ба фаъолият нигаронидаи таҳсилоти педагогӣ, муносибати субъектӣ, шахсӣ, эҷодкорона, аксиологӣ, акмеологӣ, яклухт, контекстӣ ва муназзам ба ташкили раванди таълими омӯзгорони оянда, дидгоҳҳо ва коркардҳои илмӣ оид ба масъалаҳои моҳият ва фаҳмиши салоҳияти касбию педагогӣ ва кордонии омӯзгор;

ҳамбастагии назария ва амалия, тамоюлҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ инъикос ёфтаанд, ташкил дод.

**Методҳои таҳқиқот:** дар раванди таҳқиқот методҳои психологӣ-педагогӣ, таълимӣ-методӣ, усулҳои мантиқӣ-таърихии мушкилоти таҳқиқшаванда ва муқоисавию қиёсӣ нисбат ба ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён, мушоҳидаҳои мустақим ва бавоситаи фаъолияти омӯзгорон ва донишҷӯён, пурсиш, мубоҳиса, мушоҳида, муқобилгузорӣ истифода шудаанд. Дар раванди таҳқиқот ва озмоишҳо аз таҳлили назариявии сарчашмаҳои илмӣ, таҳлили ҳуҷҷатҳои таълимӣ-методӣ, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар самти ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён ҷои хосаро ишғол менамояд. Гузаронидани пурсишномаю тестҳо, мушоҳидаву суҳбатҳо ва методи математикии коркарди натиҷаҳои таҳқиқот истифода бурда шудааст.

**Соҳаи таҳқиқ**: мундариҷаи кори рисолаи илмӣ ба шаҳодатномаи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқ аст.

**Пойгоҳи таҷрибавӣ-озмоишии таҳқиқот:** Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов.

**Марҳилаҳо ва ташкили таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд:

*Дар марҳилаи якум* (солҳои 2016 - 2017) дар асоси таҳлили назариявӣ, синтез (омезиш) ва ҷамъбасткунӣ тавассути методика ва методологияи таҳқиқот муайян карда шуда, моҳияти тавсифии мафҳумҳои «фаъолнокии маърифатӣ», «рушди фаъолнокии маърифатӣ» равшан гардида, зуҳуроти асосии фаъолнокии маърифатӣ ошкор карда шуданд. Инчунин мушкилоти синнусолӣ ва имконоти донишҷӯён ҳамчун омил дар рушди самти фаъонокии маърифатии онҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, маҷмӯи вазифаҳои намунавии амалисозии фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ аз тарафи донишҷӯён асоснок ва имконоти Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.

Раҳимов дар рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён кашф карда шуданд.

*Дар марҳилаи дувум* (солҳои 2017 - 2018) барномаи таҳқиқоти таҷрибавию озмоишӣ оид ба рушди шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов асоснок ва амалӣ карда шуданд. Дар ҷараёни татбиқи барномаи мазкур шароити педагогии рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён мавриди озмоиш қарор дода шуд. Дар марҳилаи дигаргунсозии озмоишӣ усули ба таври даврагӣ фаро гирифтани донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ амалӣ гардид.

*Дар марҳилаи сеюм* (солҳои 2018 – 2020) санҷиш, ҷамъбаст, танзиму таснифи натиҷаҳои озмоиши педагогӣ ва хулосабандии таҳқиқот роҳандозӣ гардида, рисолаи илмӣ мураттаб гардид.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз инҳо иборат мебошад:
- таъсири муносибати дифференсиалӣ ё худ фарққунанда доштани омилҳо ба рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов дар асоси баҳисобгирии шавқу рағбат ва дастоварди онҳо дар фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ асоснок шудааст;
- мувофиқати шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ дар ташкили фаъолнокии маърифатӣ ва ягонагии амал асоснок шудааст;
- дар асоси нишондиҳандаҳои натиҷаи озмоиш вижагиҳои фаъолнокии маърифатии донишҷӯён ошкор ва душвориҳое, ки дар раванди амалисозии фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ донишҷӯён бо он рӯ ба рӯ мегарданд, маълум ва баррасӣ шудаанд;
- вобастагии рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён аз маҳорати педагогии омӯзгорон ва кӯмаки рафиқон исбот карда шудааст;
- аҳамият ва имконоти фаъолнокии маърифатӣ барои интиқолоти мутақобилаи малакаҳо дар ҳалли масъалаҳо ҳангоми дарс ва берун аз дарс нишон дода шудааст;

- барои аввал моҳияти таълимӣ-педагогии падару модарон оид ба муаммои рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки:

1. Қонунияти дарки фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар мисоли машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов исбот карда шуда, ҳамчун ҳадаф, хосият, раванди марҳилавии таҳсилот ва дар асоси усули вазифавӣ моҳияти фаъолнокии маърифатии донишҷӯён ва рушди он ошкор гардидааст;

2. Робитаи мутақобилаи масъалаҳои намунавии амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатии донишҷӯ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов, ки ба ҳалли онҳо мусоидат мекунанд, тавсиф гардида, робитаи рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён бо салоҳиятҳои калидии дархостшаванда дар ҷомеаи муосир ошкор шудааст.

3. Марҳилаҳои ташкили раванди таҳсилоти ба рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён нигаронидашуда, ки он дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов асоснок гардидаанд; маълумоти муфассал дар бораи усули тафриқавӣ ва нақши он дар заминаи баҳисобгирии шавқу рағбатҳо ва дастовардҳои донишҷӯён дар фаъолнокии инфиродии маърифатӣ, дар раванди татбиқ муайянкунии тафовути шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ, саҳми фаъолияти ягонагӣ дар равнди пешравии нақши муносибати боарзиши ташаккулёфтаи донишҷӯён ба фаъолнокии инфиродии маърифатӣ асоснок гардидаанд;

4. Зарурати такмилдиҳии дуҷонибаи технологияҳои таълимии анъанавӣ ва муосири таҳсилот дар раванди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён, дар мисоли машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов ба исбот расидааст.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** аз инҳо иборатанд:

1. Методҳои санҷидашудаи муттасили омӯзиши дастовардҳо ва мушкилоти донишҷӯён дар ҳалли масъалаҳои амалисозии фаъолнокии инфиродии маърифатӣ

дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши муассисаҳои таълимии тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд, ки он барои рушди фаъолнокии маърифатии донишомӯзон ёрии амалӣ мерасонад;

2. Оид ба татбиқи фаъолнокии мустақилонаи маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов маҷмӯи вазифаҳои махсустарҳрезишуда коркард ва амалӣ гардидаанд, ки онҳо ба рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён имкони таъсиррасонии мақсаднокро фароҳам меоранд;

3. Усулҳо ва шаклҳои фарогирии донишҷӯён ба фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши муассисаҳои таълимии тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳалли масъалаҳои таълимӣ-маърифатӣ ва таълимӣ-амалӣ пешниҳод шудаанд;

4. Барномаи омодагии омӯзгорон ва падару модарон барои рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар шароити кунунӣ таҳия гардида, аз санҷиш гузаронида шудааст.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ дар таҳқиқот аз инҳо иборат аст:**
- иштироки бевоситаи муаллиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда ва ба низом даровардани онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; муайян кардани шароитҳои ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; коркард ва таҳияи амсилаи (модели) ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш; тариқи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷидани таъсири технологияи коркардшуда дар ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.

**Эътимоднокӣ ва асоснокии нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқот.** Хулосаҳо ва нуктаҳои асоснокгардида бо унсурҳои назариявии рисола ихтилоф надоранд. Зеро танзими онҳо дар таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун, қатъияти методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишаванда дар сатҳи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намудаанд.

**Тавсиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Матлабҳои асосии назариявӣ ва натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва ҷомеашиносии ДТҶТ ба номи С. Раҳимов, дар конференсияҳои байналмиллалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ ироа ва дар маводҳои онҳо чоп гардидаанд. Мӯхтавои таҳқиқот дар 12 адад мақолаҳои чопшудаи муаллиф аз он ҷумла, 3 дастури таълимӣ-методӣ, инчунин 7 адад мақола, ки дар маҷаллаҳои тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, инъикос ёфтаанд.

**Нуктаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

1. Фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов баёнкунандаи таҳсилоти шахсӣ-инфиродӣ буда, дар он қобилияти донишҷӯ, ҳангоми кӯмаки омӯзгор дар раванди амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатии ӯ, ҷиҳати иҷрои вазифаҳои намунавӣ дар асоси донишҳо оид ба чунин фаъолият зоҳир мешавад. Фаъолияти мазкур дар заминаи омӯзиш, таҷрибаи ҳаётӣ ва муносибати арзишманди инсонӣ амалӣ мегардад. Вазифа ва шартҳои аввалиндарҷаи амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ инҳо мебошанд:

- муайян кардани ҳадафи фаъолнокии мустақилонаи маърифатии дарпешистода;
- интихоб, таҳлил, ҷамъбаст ва танзиму таснифи иттилооти манбаъҳои гуногун, аз ҷумла электронӣ, ки барои расидан ба ҳадафҳои фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ зарур мебошанд;
- муайян кардани усулҳои иҷрои фаъолияти маърифатӣ;

- амалисозии шаклҳои гуногуни фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ;
- арзёбии натиҷа ва вокуниши фаъолияти иҷрогардида;
- муаррифии натиҷаҳои фаъолият.

2. Рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши муассисаҳои таълимии тарбияи ҷисмонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муайянкунандаи мақсади раванди таҳсилот, бо дастгирии ҳадафмандонаи омӯзгор самти азхудкунии марҳилавии маҷмӯи вазифаҳои амалисозии фаъолнокии мустақилонаи маърифатии донишҷӯён амалӣ мегардад.

Таснифи марҳаливӣ дар рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С.Раҳимов, ҳамчун «ҳаракат» - аз рушди муносибати мусбат нисбат ба фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ ба сӯи рушди малакаҳо ва татбиқи он, сипас интиқол додани малакаҳои ташаккулёфта дар ҳолатҳои гуногуни фаъолнокии маърифатӣ шинохта мешавад.

3. Нишондиҳандаҳои рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ДТҶТ ба номи С. Раҳимов аз инҳо иборат мебошанд:
- динамикаи мусбат дар муносибати мақбули донишҷӯён ба раванди фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ;
- пешравии мусбат дар рушди малакаи иҷрокунии масъалаҳои намунавии фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ;
- камшавии вобастагӣ аз таъсири омилҳои гуногун, ба монанди кӯмаки омӯзгор ва ё дӯстон, яъне баландшавии дараҷаи мустақилият;
- интиқол додани малакаҳои амалисозии фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ дар дарс оид ба ҳалли масъалаҳои фаъолияти мазкур берун аз дарс ва баръакс.

4. Ба рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯёни муосир дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва

варзиш дар ДТҶТ ба номи С. Раҳимов чунин шароити педагогӣ мусоидат мекунанд:

- дар сохтор ва раванди таҳсилоти донишҷӯён муайян ва ҷудо кардани вазифаҳои намунавӣ, воситаҳои фаъолнокии мустақилонаи маърифатӣ, ки ба талабот ва имкониятҳои синнусолии онҳо мутобиқат дорад, инчунин вижагии соҳаи фаннӣ ва хусусиятҳои фаъолиятро инъикос менамоянд;
- татбиқи муносибати тафриқавӣ дар ташкили марҳилаҳои гуногуни раванди таҳсилоти ва рушди фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар асоси баҳисобгирии муносибатҳо ва дастовардҳои онҳо дар ин замина. Инчунин бо назрдошти шаклҳои инфиродӣ ва гурӯҳии корҳо ва ягонагии фаъолият;
- ташкили раванди маърифатнокгардонии волидайн, ки фарогири шиносоии мушкилоти фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар рушди шахсияти онҳо дар ҷаҳони муосир бошад. Ҳамчунин бо усулҳои кӯмакрасонӣ ба донишҷӯён дар рушди фаъолнокии маърифатии онҳо боназрдошти вижагиҳои донишҷӯёни муосирва мушкилиҳои марбут ба онҳо.

**Сохтори диссертатсия**. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт, ки 127 номгӯи адабиётро дарбар мегирад иборат буда, дар 152 саҳифаи компютерӣ инъикос ёфтааст.

## МУНДАРИҶАИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрам будани мушкилоти таҳқиқот асоснок гардида, ҳадаф, объект, мавриди он ва фарзия, вазифаҳо, асосҳои методологии таҳқиқот тасвият ва методҳою марҳилаҳои иҷрои он муайян карда шудааст.

Дар **боби якум** таҳти унвони **«Асосҳои назариявию методологӣ ва вижагиҳои педагогии машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»** зарурат ва аҳамияти ҷорӣ намудани фанни таҳсилоти «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» дар Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов, методология ва вижагиҳои педагогии таълими сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавриди пажӯҳиш қарор дода шудааст.

Тавсифоти моҳиятии мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «рушди фаъолнокии маърифатӣ», «шароити педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатӣ» ошкор ва инчунин зуҳуроти асосии фаъолнокии маърифатӣ шарҳу тавзеҳ мегарданд.

Баъди анҷом додани таҳлили амалисозии лоиҳаҳо дар соҳаи варзиши оммавӣ ба хулоса омадем, ки имрӯз варзиши оммавӣ дар Тоҷикистон дар ҳолати номуайянӣ қарор дорад ва ба он як силсила ихтилофҳои ҷиддӣ хос мебошад, ки дар матни диссертатсия онҳоро муфассал зикр кардем.Ихтилофоти номбурда бо шароити гуногуни рушди варзиши оммавӣ дар собиқ ИҶШС ва замони ҳозира вобаста мебошанд. Дар замони шӯравӣ унсури маҷбуркунӣ дар варзиши оммавӣ ҷой дошт.

Шароити имрӯза хеле тафовут доранд: худи «оммаҳо» тағйир ёфтаанд, инфрасохторҳои дар замонҳои пеш таъсисгардида акнун таназзул намудаанд, унсури маҷбуркунӣ аз миён рафтааст, аммо акнун барои машғул шудан ба варзиш маблағ пайдо кардан лозим меояд. Омилҳои зикргардида ба ҷолибии машғулият ба варзиш барои аҳолӣ таъсири манфӣ расониданд.

Таҳлили мо дар шакли баррасии аҳамият ва зарурати ба барномаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани фанни таҳсилоти «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» мураттаб гардидааст.

Сотсиология, ҳамчун илм дар бораи муносибатҳои байниҳамдигарии одамон ва таъсири мутақобилаи иҷтимоии онҳо дар радифи илмҳои оид ба ҷомеа ва инсон мавқеи пешбарро доро мебошад.

Мафҳуми «тарбияи ҷисмонӣ» дар қаринаи бахши омӯзиши «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» бештар аз ҳама дар ду маънӣ корбаст мешавад:

1. Ҳамчун раванди иҷтимоӣ, ки ба навъи вижаи тарбияи ҷисмонӣ равона гардидааст.

2. Ҳамчун яке аз ҷузъҳои тарзи иҷтимоии ҳаёт, ҷузъи таркибии фарҳанги умумӣ мебошад.

Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш омилҳоеро таҳқиқ менамояд, ки бояд комилан ҷанбаи оммавӣ будани ҳаракати тарбияи ҷисмонию варзишро таъмин намояд. Омилҳои мазкур возеҳан ба объективӣ ва субъективӣ тақсим мешаванд, ки бо истинод ба он онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд:

1) Омилҳои ҷанбаи объективидошта:

- дараҷаи рушди пойгоҳи моддии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;

- сифат ва миқдори кадрҳои касбии омодашуда.

2) Омилҳои ҷанбаи субъективидошта:

- ташаккули шуури ҷамъиятӣ ва инфиродӣ нисбат ба азхудкунии арзишҳои ҳаракати варзишию тарбияи ҷисмонӣ;

- ташаккули ангезаҳои устувор ва самтгириҳои арзишии шаҳрвандон ба машғулияти фаъолона ба варзиш;

- дар ҷомеа тарбия намудани ниёзмандӣ ба фаъолияти самти варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ, аҳаммияти тарзи ҳаёти солим, нақши рушди ҷисмонии фард дар маҷмӯи системаи арзишҳои ҷомеа ва инсон.

Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нисбат ба сотсиологияи умумӣ фанни амалӣ мебошад, ки вазифаҳои муҳимтаринеро чун ташкилию амалӣ, назариявию маърифатӣ ва ҷаҳоншиносӣ иҷро мекунад.

Вазифаи ҷанбаи назариявию маърифатидошта ба омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ, нақши он дар ҳаёти ҷомеа, инчунин равандҳои иҷтимоии дар соҳаи баррасишаванда ҷараёндошта равона шудааст.

Дар шароити нави ташаккули низоми ҷомеа миқёси васеи мушкилотҳо ва масъалаҳои марбут ба ташаккули самтгириҳои навин, сатҳи зиндагӣ, намунаҳои рафтор ва маъниҳо ба миён меоянд.

Дар миёни мушкилотҳои асосии сотсиологияи фаъолияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш лозим аст, ки ташаккули муносибати мусбати одамон ба тарзи ҳаёти солим ва тарбияи ҷисмонӣ, ҳамчун шарти асосии он номбар карда шавад. Касбишавӣ ва тиҷоратишавии варзиш зарурати омӯзиши амиқи мушкилотҳои ба ҷанбаи ахлоқии ташаккулёбии шахсияти варзишгар дахлдоштаро ба вижа мубрам намудаанд.

Рушди фаъолияти варзишию тарбияи ҷисмонӣ зарурати омӯзиши амиқи мушкилотҳоеро чун «варзиш ва инсонгароӣ», «варзиш ва шахсият», «варзиш ва ҷавонон», «варзиш ва пешрафт» ва ғайраро мубрам сохтааст. Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бояд дар ҳаллу фасли мушкилотҳои мазкур нақши калидӣ дошта бошад, ки як бори дигар аз муҳим будани илми мазкур дар кори такмили инсон ва умуман ҷомеа шаҳодат медиҳад.

Барои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш саволҳои тақозокунандаи посуххои илман асоснокшудаи дахлдор ба ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти тарбияи ҷисмонию варзиш аз аҳаммияти калон бархӯрдоранд. Ба туфайли таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ мо метавонем ба ин саволҳо ҷавоб пайдо кунем.

Шароити педагогиро бояд ҳамчун маҷмӯи омилҳои маҳсулофар баррасӣ намуд, ки расидан ба ҳадафи муайянро дар раванди

таҳсилот, дар мавриди мо бошад, ҳамкории самараноки миёни омӯзгор ва донишомӯзро имконпазир месозад.

Ба туфайли шароити педагогӣ дар раванди таҳсилот дар ҳоли ҳозир хусусиятҳои зерин ба назар мерасанд:

- раванди таълиму тарбия бо истифодаи намудҳои гуногуни ҳамкориҳои ҷанбаи муколамавидошта миёни субъектҳои раванди таълим; машғулиятҳои самти ҳамгирой бо истифодаи робитаҳои байнифаннӣ; бозиҳои дидактикӣ; кори дастаҷамъӣ; ҳамкории наздики миёни мактаб ва оила ташкил шудааст;

- дар машғулият методи таҳқиқотии таълим; масъалаҳо ва машқҳои эвристикии тақвиякунандаи ҳамгироии байнифаннӣ; методҳои таълими барномавӣ ва мушкилотӣ корбаст мегардад;

- иқтидору захираҳои интернетӣ ва дигар шаклҳои таҳсилоти иловагӣ истифода мегардад;

- дар ҷараёни раванди таълим шароите фароҳам оварда мешавад, ки ба донишомӯзон идроки маводи таълимӣ, ҷамъбасти дидактикии он, азхудкунии методикаи баҳодиҳӣ ва худбаҳодиҳиро имконпазир менамояд.

Дар асоси нуктаҳои дар боло зикргардида, мо метавонем тасдиқ намоем, ки дар раванди таҳсилот дар соҳаи сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш фаъолнокии маърифатиро метавон дар шароити зерин ташаккул дод:

- агар фаъолнокии маърифатӣ аз тарафи омӯзгор танзим гардида, ҷанбаи ҳадафмандона дошта бошад, ки дар ин ҳол, нақши воситаи калидиро ҷузъи иттилоотии раванди таълимӣ иҷро мекунад, он ба ташаккули ангезаҳое аз қабили эҳтиёҷ, ҳавасмандӣ ва шавқу рағбат дар донишомӯзон равона шудааст;

- агар худи донишомӯзон бо такя ба ангезаҳои ботинии худ ба худомӯзӣ ва истифодаи донишҳои касбнамудаи худ барои такмили шахсии ҷисмонӣ фаъолнокии маърифатиро ташкил намоянд.

Дар ҳар ду ҳолат зуҳуроти фаъолнокии маърифатӣ ҳамчун натиҷаи таъсири ҳадафмандона ба соҳаи арзишию ҳавасмандии онҳо, ки вобаста ба дастовард дар ҳама гуна фаъолият бо шумули таҳсилот мебошад, амалӣ мегардад.

Ба ақидаи мо, барои ҳалли муваффақонаи муҳимтарин масъалаҳои дахлдор ба сотсиологияи таълимии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш зарур аст, ки раванди таҳсилот дар соҳаи сотсиологияи варзиш ба таври бунёдӣ бозбинӣ гардад. Корбасти густардаи имкониятҳои фанни таълимии «Сотсиологияи варзиш ва ташаккули фаъолнокии маърифатӣ дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» бо роҳи баланд бардоштани дараҷаи сифатии тадриси

муҳтавои назариявии он ба сифати омили калидӣ дар ташаккули ҳамкориҳои миёни омӯзгор ва донишҷӯён мебошад.

Мо муътақидем, ки самаранокии мушкилоти мазкур дар сурати риоя шудани шароити педагогии зерин таъмин хоҳад гардид.

- принсипи мушкилот будан дар ҷараёни раванди таҳсилот дар назди донишҷӯён матраҳ сохтани чунин ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки аз онҳо муносибати эҷодкорона ва ташаббусро дар раванди омӯзиши малакаҳо ва донишҳои нав ва мустаҳкам кардани донишу малакаҳои қаблан бадастовардашуда тақозо менамояд;

- принсипи бунёдисозиро бояд ҳамчун такягоҳ дар ҷараёни раванди таҳсилот ба маълумот ва робитаҳои бунёдӣ идрок намуд, ки таъмини устувории бунёди назариявиро дар муқоиса бо ҷараёнҳои конъюнктурӣ ва таъсироти маъмулбуда имконпазир месозад.

- принсипи робитаи миёни назария ва амалия маънои дар донишомӯзон ташаккулёбии қобилияти истифодаи малака, маҳорат ва донишҳои бадастовардашударо дар фаъолияти амалии худ ифода мекунад;

- принсипи инсонгаросозӣ муносибат ба донишҷӯёнро ҳамчун ба субъекти дорои мустақилият ва масъулият пешбинӣ мекунад;

- принсипи фаъолнокӣ ва шуурнокӣ ҳавасмандкунии фаъолонаи донишҷӯёнро дар раванди фаъолияти ҳаракатӣ ва маърифатӣ бо такя ба идроки нақши муҳими таҳсил ва робитаи амиқи байниҳамдигарии миёни азхудкунии донишу малакаҳои нав ва фаъолияти амалӣ дар назар дорад. Тибқи принсипи мазкур фаъолияти маърифатии донишомӯз бояд мустақилона ва фаъолона бошад;

- мутобиқи принсипи инфиродисозӣ дар раванди барои донишҷӯ интихоб кардани машқҳои ҷисмонӣ, сарбориҳои ақлонӣ ва ҷисмонӣ бояд вижагиҳои инфиродии равонӣ ва ҷисмонии ӯ ба назар гирифта шавад;

- принсипи ягонагии фаъолият ва шуур далолат мекунад, ки раванди таҳсилот, бо шумули соҳаи сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бояд дар худ аз тавозуни муносиби муштараки ҷузъиёти иҷтимоию ҷисмонӣ, ҳаракатию ақлонии сотсиологияи варзиш ва ташаккули фаъолияти маърифатӣ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш иборат бошад.

Шароити педагогие, ки мо дар боло ба сифати ҷузъи калидии низоми педагогӣ пешниҳод намудем, инъикоси умумитарин талаботи ба ташкили раванди таҳсилот пешниҳодшаванда дар соҳаи сотсиологияи варзиш ва ташаккули фаъолнокии маърифатӣ дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошад. Онҳо ба дараҷаҳои гуногун дар ҳамаи муҳтаво ва сохтори амсилаҳои аз тарафи мо пешниҳодгардида, ки ҳадафи онҳо мусоидат ба

амалисозии муваффақонаи шароити педагогии дар ҷараёни таҳқиқоти ҳозир коркардшуда инъикос ёфтааст, бо самаранокии ҳадди аксари корбасти воситаҳои сотсиологияи варзиш ва ташаккули фаъолнокии маърифатиро дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш имконпазир месозад.

Дар боби дувуми рисолаи илмӣ, ки **«Самаранокии корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оиди ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»** ном дорад, масъалаҳои таъмини омодагии омӯзгор ба ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, самти ташкили раванди таҳсилот тибқи амсилаи тадриси фанни таҳсилоти «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», инчунин кори таҷрибавию озмоишии дахлдор роҳандозӣ мегардад.

Санҷиши амсилаи озоишӣ ва шароити педагогии зарурӣ барои дар донишҷӯён ташаккул додани фаъолнокии ҷанбаи маърифатидошта дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш аз соли 2015 дар шароити Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов роҳандозӣ гардид. Чунин интихоби факултетҳо тақрибан монанд будани дараҷаи таъминоти моддию техникии раванди таълим, муқоисашавандагии миқдори донишҷӯён, тавсифи онҳо аз нигоҳи саломатӣ, азхудкунии машғуиятҳо ва рушди заминавии фаъолнокии ҷанбаи маърифатидошта вобаста буд.

Ҳамин тавр, мо саъй намудем, ки яке аз шароити калидии баргузории таҷрибаро дар сатҳи сифатии баланд, ки дар ҳаммонандии ченакҳои гурӯҳҳои баррасишаванда  ифода мегардад, анҷом диҳем.

Мо ҳангоми муайян кардани ҳайати гурӯҳҳои озмоишӣ ва назоратӣ бар он принсип такя намудем, ки тибқи он дар оғози корҳои таҳқиқотӣ ҳеҷ гуна маълумоти муътамад оид ба тафовутҳои ҷиддӣ дар миёни ченакҳое чун дараҷаи фаъолнокии ҷанбаи ҳаракатӣ дар донишҷӯён, ташаккулёбии фаъолнокии маърифатӣ дар онҳо бо шумули ҷузъиёти фаъолиятию амалӣ, донишандузӣ, арзишию ҳавасмандкунӣ, вазъи саломатӣ ва рушди умумии ҷисмонӣ вуҷуд надоштанд.

Раванди таълим оид ба омӯзиши сотсиологияи  тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар шароити Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов як хел  ташкил шуда буд; ҳамаи иштирокдорони озмоиш дар басти аввали факултетҳои дорои дараҷаи такрибан яксони таъминоти моддию техникӣ ва аз рӯйи барномаҳои таълими ҳамнавъ (таҳти таҳрири АА. Зданевич, В.И. Лях) таҳсил мекарданд.

Ба накш ва ҷойгоҳе, ки фанни «Сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» дар ҳаёти минбаъдаи хатмкунандагон ишғол мекунад, дар ҷараёни таҳқиқот таваҷҷуҳи хос дода шуд.

Дар марҳилаи якуми таҳқиқот гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ аз ҷумлаи донишҷӯёни факултетҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов ташкил дода шуданд.

Дар чорчӯбаи марҳилаи дувуми таҳқиқот ташкилдиҳии ГО2 ва ГН2 роҳандозӣ ва муҳтавои таҷрибавии кори ҷанбаи таълимӣ оид ба сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тасҳеҳ гардид, дар марҳилаи якуми раванди таҳсилот дар соҳаи сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва шароити педагогии дар ҷараёни таҳқиқ ошкоргардида татбиқ карда шуд.

Иштироккунандагони ҳар як гурӯҳ вобаста ба сифати супоришҳои иҷрогардида ба ду дараҷа тақсим мешуданд. Ба дараҷаи якум донишҷӯёне ворид мешуданд, ки вазифаро иҷро кардаанд, ба дараҷаи дувум бошад,он донишҷӯёне шомил буданд, ки аз уҳдаи иҷрои вазифа набаромада буданд. Эътимоднокии натиҷаҳо бо ёрии ҷадвалҳои бисёрхонагӣ муайян карда мешуд, ки он муқоисаи нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои гуногунро фароҳам меовард.

**Ҷадвали 1**

***Ҷадвали чорхонагии муайянкунии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти педагогӣ***

| **Гурӯҳ** | **Дараҷаи 1** | **Дараҷаи 2** | **Микдори иштироккунандагони таҷриба** |
|---|---|---|---|
| Гурӯҳи озмоишӣ | Т1 | Т2 | Т1+ Т2= Nт |
| Гурӯҳи назоратӣ | Н1 | Н2 | Н1+ Н2= Nн |
| Дар маҷмуъ | Т1+Н1 | Т2+ Н2 | Nт + Nн= N |

***Эзоҳ**: $Т_1$ - шумораи дар ГО машғулбудагоне, ки вазифаро иҷро кардаанд; $Т_2$ - шумораи дар ГО машғулбудагоне, ки вазифаро иҷро накардаанд; мутаносибан, $Н_1$, $Н_2$ - шумораи дар ГН машғулбудагоне, ки вазифаро иҷро кардаанд ва накардаанд; N - теъдоди умумии мушоҳидашавандагон баробари $Т_1$ $+Т_2$ + $Н_1$, $+Н_2$, ё пт + пн мебошад.*

Бо ёрии методикаи Н.А.Кудрюкова ва Е.П.Илйина «Самтгирии донишҷӯён ба фарогирии донишҳо» дараҷаи ҳавасмандии донишҷӯён ба азхудкунии донишҳои нав муайян карда мешавад. Дар ҷадвали 2 мо ҷамъбасти корбасти онро пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 2**

***Пешравии дараҷаи самтгирӣ ба фарогирии донишҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ дар ҷараёни мушоҳидаҳои бардавом аз болои намояндагони гурӯҳҳои дараҷавӣ***

| *Нишондиҳандаҳои марҳилаи якуми таҳқиқот* | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Марҳилаҳои таҳқиқот** | **Гурӯҳ** | **Дараҷаи ҳавасмандӣ** | | | **Эътимоднокии тафовутҳо аз рӯйи х2** | | |
| | | **баланд** | **миёна** | **паст** | **Х2бу хр.** | **Х2 муш.** | **Х муқо-иса** |
| Пеш аз таҷриба | ГН1 | 22% | 26% | 52% | 5,99 | 0,2 | Х2буҳр >Х2мушоҳ. |
| | ГО1 | 17% | 26% | 57% | | | |
| Баъд аз таҷриба | ГН1 | 44% | 26% | 30% | 5,99 | 7,4 | Х2буҳр < Х2мушоҳ. |
| | ГО1 | 61% | 39% | 0 | | | |
| *Нишондиҳандаҳои марҳилаи дуюми таҳқиқот* | | | | | | | |
| Пеш аз таҷриба | ГН2 | 24% | 33% | 43% | 5,99 | 0,5 | Х2буҳр. >Х2мушоҳ. |
| | ГО2 | 24% | 19% | 57% | | | |
| Таҳқиқоти фосилавӣ | ГН2 | 29% | 33% | 38% | 5,99 | 7,9 | Х2буҳр < Х2мушоҳ. |
| | ГО2 | 67% | 14% | 19% | | | |
| Баъд аз таҷриба | ГН2 | 24% | 38% | 38% | 5,99 | 8,3 | Х2буҳр < Х2мушоҳ. |
| | ГО2 | 81% | 14% | 5% | 5,99 | | |

Тавре ки натиҷаҳои донишҷӯёни Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов (ГО1, ГН1, ГО2, ГН2), ки мо дар муддати ду марҳилаи таҳқиқот ба даст овардем, истфодаи амсилаи аз тарафи мо таҳиягардида ҳангоми ташкили таҳсилот дар соҳаи сотсиологияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ имкон медиҳад, ки афзоиши назарраси ҳавасмандии донишҷӯён ба фарогирии донишҳо ва малакаҳои нав дар соҳаи сотсиологияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ (нишондиҳандаи миёнаи афзоиш ба 51% мерасад) муяссар гардад.

Аз нахустин марҳилаҳои раванди таълими оид ба сотсиологияи варзиш ва тарбияи ҷисмонӣ ҷори намудани шароити педагогии таҳиянамудаи мо, имкон дод, ки дараҷаи самаранокӣ дар муқоиса бо гурӯҳи якуми озмоишӣ ба андозаи 20% (61% дар ГО1 ва 81% дар ГО2 аз рӯйи дараҷаи ҳавасмандӣ ҳангоми хотимаи таҷриба) баланд бардошта шавад.

Дар ҷадвали 4 нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи ниёзмандиҳои донишҷӯён дар фаъолияти ҷанбаи ҳаракатидошта, ки

бо ёрии тести (санҷиши) Е.П.Илйина ба даст омадаанд, пешниҳод мегардад.

**Ҷадвали 3**

***Пешравии дараҷаи ташаккулёфтагии ниёзмандӣ ба фаъолияти ҳаракатӣ***

| Марҳилаҳои таҷриба | Гурӯҳ | Дараҷаи ниёзмандӣба фаъолияти ҳаракатӣ | | | Эътимоднокии тафовутҳо аз рӯйи меъёри х2 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Баланд | миёна | паст | х2 бухр. | х2 муш. | Х муқоиса |
| *Нишондиҳандаҳои марҳилаи якуми таҳқиқот* | | | | | | | |
| Пеш аз таҷриба | ГН1 | 39% | 26% | 35% | 5,99 | 1,4 | Х2буҳр.>Х 2мушоҳ. |
| | ГО1 | 39% | 29% | 32% | | | |
| Баъд аз таҷриба | ГН1 | 13% | 22% | 65% | 5,99 | 13,7 | Х2бухр< Х2мушоҳ |
